Автор: Комрон
19.04.2019 11:44 - Обновлено 08.06.2019 05:46




**Оид ба гузаронидани вохўрї дар Маќомоти иљроияи њокимияти давлатии ноњияи Рўдакї вобаста ба мавзўи «Сўйистеъмоли маводи нашъадор, ва ифротгарої - омилњои нигаронкунандаи љомеа»**

Тибќи фармоиши Муассисаи давлатии «Маркази миллии маниторинг ва пешгирии нашъамандї»-и Вазорати тандурустї ва њифзи иљтимоии ањолии Љумњурии Тољикистон аз 16 апрели соли 2019, № 15, «Оид ба гузаронидани вохўрї дар самти пешгирии нашъамандї»,бо маќсади иљрои банди 2.1. «Наќшаи чорабинињои Вазорати тандурустї ва њифзи иљтимоии ањолии Љумњурии Тољикистон

љињати иљроиши Барномаи соњавї оид ба амалигардонии «Стратегияи миллии мубориза бар зидди гардиши ѓайриќонунии маводи мухаддир дар Љумњурии Тољикистон барои солњои 2013-2020» дар солњои 2019-2020», банди 5-и «Наќшаи чорабинињои Вазорати тандурустї ва њифзи иљтимоии ањолии Љумњурии Тољикистон

оид ба иљрои дастуру супоришњо вобаста ба масъалањои иљтимоӣ ва глобалии замони муосир, ки дар суханронии Асосгузори сулњу вањдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Љумњурии Тољикистон, муњтарам Эмомалӣ Рањмон дар мулоќот бо намояндагони ањли љамоатчигии кишвар 12 майи соли 2018 тасдиќ ёфтаанд» аз 21 майи соли 2018, банди 24-и «Наќшаи чорабинињо оид ба иљрои дастуру супоришњои Президенти Љумњурии Тољикистон, Пешвои Миллат, муњтарам Эмомалӣ Рањмон, ки дар мулоќот бахшида ба Рӯзи Дониш - 1 сентябри соли 2018 баён доштанд» аз 7 сентябри соли 2018, № 24/10-389, наќшаи кории Муассисаи давлатии «Маркази миллии мониторинг ва пешгирии нашъамандӣ» дар соли 2019, наќшаи амалигардонии«Барномаи миллӣ оид ба муќовимат ба эпидемияи Вируси норасоии одам дар Љумњурии Тољикистон барои солњои 2017-2020» дар Муассисаи давлатии «Маркази миллии мониторинг ва пешгирии нашъамандӣ» барои солњои 2018-2020 аз 22 январи соли 2018 ва баланд бардоштани иттилоотнокии ањолӣ аз оќибатњои сӯиистеъмоли маводи нашъадор, пешгирии пањншавии нашъамандӣ ва бемории сироятии марбут ба он, 17 апрели соли 2019 гурӯњи корӣ дар њайати муовини директори Муассисаи давлатии «Маркази миллии мониторинг ва пешгирии нашъамандӣ» - Мирзоев Ш.Н. (роњбари гурӯњ), сардори шуъбаи пешгирии нашъамандӣ Одинабеков Ш.А., мутахассисони пешбар Исматова Т.С., Ќодирова З.Д., мутахассиси шуъбаи мазкур Абдуќањоров М. ва намояндаи Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Љумњурии Тољикистон Одилбекиёни Сабрина дар ќасри фарњанги нохияи Рӯдакӣ бо иштироки муовини Раиси нохияи Рӯдакӣ Камолзода Ф.М. вохӯрӣ дар мавзӯи «Сӯийтсеъмоли маводи нашъадор, ва ифротгарої - омилњои нигаронкунандаи љомеа» доир карда шуд.

Дар ин вохӯрӣ мутахассисони сохаи иљтимоии дастгоњи марказии Маќомоти иљроияи њокимияти давлатии нохияи Рӯдакӣ, кормандони Шӯъбаи корњои дохилии дар нохия буда, модарон, љавонон ва фаъолони нохия, ки зиёда аз 300 нафарро ташкил медоданд,иштирок намуданд.

Сараввал муовини раиси нохия Камолзода Фирӯза чорабиниро кушода, сипас мутахассисони МД «Маркази миллии маниторинг ва пешгирии нашъамандӣ» доир ба мавзӯи дар боло зикр гардида суханронӣ намуданд.

Тавре ки маълум аст, Љумњурии Тољикистон бо Љумњурии исломии Афѓонистон, ки дар солњои охир мувофиќи маълумотњои расмӣ њамчун давлати истењсолкунандаи маводи мухаддир эътироф гардидааст, сарњади тулони дорад. Аз ин рӯ ба њамагон маълум аст, ки интиќоли маводи нашъадор тариќи кадом давлате, ки сурат бигирад, дар

он давлат њатман бемории нашъамандї рў ба афзоиш менињад. Аз ин рў мо бояд дар якљоягї бо ин зуњуроти номатлуб мубориза беамон барем.

Вобаста ба масъалаи мазкур мутахассиси равоншинос низ ќайд намуд, ки табобати бемории нашъамандї ба иродаи ќавии њар як шахс вобастагии зиёд дорад. Њар як фард бояд омилњову эњсосотњои берунаро дуруст тањлил намуда ва сипас љавоби дуруст гардонида ба саломатии худ, инчунин ба атрофиён заррар нарасонад.Иброз гардид, ки бемории нашъамандї ба фарњангу тамаддуни миллат таъсири манфї расонида, аз худ оќибатњои ногуворро бар љой мегузорад.

Бинобар ин њар як фарди кишварро заррур аст, ки барои нигоњдории саломатии хеш, оромии оилава љамъият масъул бошад.Чунки пешравии давлату миллат, аз солимии љомеа сарчашма мегирад.

Сипас иштирокчиёни чорабинии мазкур фикру андешањои худро иброз намуда вобаста ба мавзўи имрўза ба мутахассисон саволњои љолиб пешнињод карда љавобњои мушаххас дастрас намуданд.

Бояд ќайд намуд, ки чорабинии мазкур дар сатњи олї баргузор гардида, дар шабакањои «Љањонамо» ва «Душанбе НД» ба навор гирифта шуд.

Дар поёни чорабинї ба иштирокчиён варақањои иттилоотї вобаста ба бемории нашъамандї ва беморињои марбут ба он таќсим карда шуд.